**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти илмии Абдуғафури Сафар барои пешниҳоди диссертатсияи ӯ дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника**.

Абдуғафури Сафар, Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси биология соли 2016 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз моҳи сентябри соли 2016 то моҳи сентябри соли 2017 ба муддати як сол дар МТУМ №85-и ноҳияи Синои ш. Душанбе ба ҳайси омӯзгор фаъолият намудааст. Аз моҳи январи соли 2017 то моҳи январи соли 2021 тули чор сол дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДМТ таҳсил намудааст.

Дар давраи аспирантӣ солҳои (2017–2023) дар саҳро ва лаборатория тарзу усулҳои гузаронидани таҳқиқотҳои флористиро аз худ намудааст ва бо корҳои илмии соҳаи фитотсенологияи замони муосир шинос мебошад. Абдуғафури Сафар дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маҳорату малакаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Дар давоми солҳои 2017–2023 Абдуғафури Сафар гуногунии таркиби ҳолати фитосенологии оилаи лабгулҳои -Lamiaceae Mart. қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва таснифи онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар натиҷаи иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ Абдуғафури Сафар дар диссертатсия аввалин маротиба маводҳои илмиро доир ба гуногунии оилаи лабгулҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор пешниҳод намудааст.

Мувофиқи таҳқиқотҳои ӯ дар таркиби флораи растаниҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор 74 намуди оилаи лабгулҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки онҳо ба 33 авлод мансубият доранд. Ӯ бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисорро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян кардааст, ки дар минтақаи омӯзиш аз 74 намуди оилаи лабгулҳо 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 2 намудашон ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст. Бори аввал

минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавриди омӯзиши аспирант қарор гирифтаанд. Харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои нодири ин оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шудаанд.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводҳои илмии нашрнамудаи муаллиф инъикос гардидаанд. Ногуфта намонад, ки диссертатсия бо забони тоҷикӣ омода гардида, баҳри пешравии илми ботаника ҳиссагузор аст. Муаллиф аз ӯҳдаи навиштани диссертатсия ва мақсади гузошта ба хубӣ баромадааст. Ғайр аз ин қайд кардан ба маврид аст, ки дар давоми фаъолияти илмӣ ӯ боз бо корҳои педагогӣ низ машғул мебошад.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки Абдуғафури Сафар яке аз ассистентони пешқадами кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи ДМТ буда, мавзуи кори диссертатсионии ӯ «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои - Lamiaceae Mart. қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» мебошад, арзандаи баҳои баланд буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи ботаника ва
дендрологияи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Сатторов Р.Б.

Имзои Р.Б. Сатторовро тасдиқ
мекунам: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

19.02.24 с.